«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент_____________Раҷабзода М.
«___» _______________ соли 2020.

# Хулосаи
# Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна “Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна ҳамчун муовини Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда истодааст. Мустаҷобова Р. М. соли 2001 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруг ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, соҳиби касби “Филолог.Муаллим” гардидааст.

Роҳбари илмӣ–Мисбоҳиддини Нарзиқул, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 28- феврали соли 2019, қарори № 7/3 тасдиқ шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло пажӯҳиш сурат нагирифтааст. Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мазкур муайян

намудааст, ки дар ашъори шоир ифодаи образҳо, сифати бадеӣ ва дастовардҳои шоирона, баёни воқеияти зиндагӣ, арзишҳои ҳунарӣ, бозёфтҳои адабӣ ва услуби фардӣ ба тарви барҷаста ва бармало ба назар мерасад. Инчунин, бо овардани далелҳои муътамад ва зикри мисолҳои фаровон исбот кардааст, ки Камол Насрулло аз оғози фаъолияти эҷодӣ то имрӯз роҳи муайян ва қобили мулоҳизаи эҷодиро тай карда, ҳамчун шоири хушзавқ дар инъикоси яке аз мавзӯҳои марказии адабиёти гузаштаю муосири тоҷик– мавзӯи Ватан ва ватандорӣ пешгом буда, ба воситаи ашъори ватандӯстонааш дар тарбияи завқи бадеӣ, эстетикӣ ва ахлоқии ҷомеа саҳми шоиста гузоштааст. Бо назардошти шароити кунунии ҷомеа ва замони Истиқлол шеъри ӯ аз ҷиҳати мазмун ва мавзӯъ дорои ҷилои тоза гардида, ба зиндагии имрӯз ва масъалаҳои иҷтимоӣ робитаи мустаҳкам ва комил пайдо намудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқи рисолаи мазкур аз анҷом додани таҷзия ва таҳлили ҳаматарафаю нисбатан комили масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло иборат мебошад.

Вазифаҳои асосии рисола чунин аст:

- анҷом додани ҷустуҷӯ перомуни оғози зиндагӣ, муҳити хонаводагӣ ва таҳсилоти Камол Насрулло;
- муайян кардани оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба муҳити адабии марказ ва фаъолият дар самтҳои дигар;
- баррасии таснифот ва таълифоти адиб;
- таҳқиқи хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло;
- баррасии мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоир: Ватан, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, бозтоби рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он, васфи Ватан:
- муайян кардани ибтикороти шоир дар сурудани ашъори ватандӯстона;
- баррасии мавзӯи Ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ, санаҳои

тақдирсоз, анъана ва маросимҳои мардумӣ дар эҷодиёти шоир;

- таҳқиқи мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло; омӯзиши вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир аз назари забон, тарзи баён; ибдооти шоирона ва истифодаи санъатҳои бадеӣ.

Маводи асосии таҳқиқи муаллифи диссертатсияро маҷмӯаҳои ашъори Камол Насрулло бо номҳои “Навгонӣ” (1978), “Номаи боли кабӯтар”(1988), “Нома ба офтоб” (1988), “То даме лонаҳо гарманд” (1993), “Тоҷикистонро дигар қисмат макун” (1996), “Дар фурудгоҳи як таманно” (2003), “Фаросӯи нигоҳ” (2007), “Рӯ ба меҳроби Ватан” (2010), “Зангӯлаи фарёд” (2011), “Ашки сапеда” (2011), “Дар оғӯши хазонрез” (2018), асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба шинохти шеър, китобҳои таълифшуда доир ба санъати сухан ва илми бадеъ ташкил медиҳанд.

Асосҳои назарии диссертатсияро асарҳои илмию назарии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифзода, Аламхон Кӯчарзода, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназар Асозода, Абдурраҳмони Абдуманнон, М. Нарзиқул, Н.Поспелов, В. Хализев, М.Б. Храпченко, Л. И. Тимофеев,  Д.С Лихачёв ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Нововарии илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки** оид ба эҷодиёти шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло то кунун таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.Муаллифи диссертатсия ба он ваҳдати назар дорад, ки Камол Насрулло ба унвони чеҳраи шинохта ва маъруфи  охири асри XX ва аввали асри XXI афкори халқи хешро дар марҳалаҳои муҳимми  таърихӣ ба маҷрои худшиносии миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдории навин ва инкишофи тамаддуну

маънавияти ҷомеа ба андеша гирифта, бо осори гаронмояи хеш дар бедории халқи тоҷик, масъулиятшиносии шаҳрвандон дар баробари Ватан, ҳифзи ҳофизаи таърихӣ, тасвири Ватан ва ватандӯстӣ дар шеър, ҳифзи дастовардҳои Истиқлол ва Ваҳдати миллӣ, гиромидошти муқаддасоти давлатӣ, миллӣ ва тарбияи завқи эстетикии хонандаи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Таҳқиқи хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло дар густаришу инкишофи адабиёту ҳунар, ғояҳои олии умумиинсонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсонҳо, садоқат ба Ватан, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт, заковати баланд, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ, такя намудан ба мероси пурғановати гузаштагон, некиву адолат,ростиву хирад, барҳам задани ихтилофоти маҳалгароӣ, фарҳанги бегона, ифротгароӣ, рушди маърифату ҷаҳонбинӣ, меҳандӯстиву меҳанпарварӣ, садоқат ба халқу Пешвои миллат, пос доштани забони модарӣ, муқаддасоти миллӣ, маросимҳои халқии тоҷикӣ ва ғайра аз моҳияти бузург бархурдор аст.

Аҳамияти назарӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва маводи он метавонад ҳангоми навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯию ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло, таълифи китобҳо перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ ба корояд.

Илова бар ин, шеърҳое, ки дар диссертатсия зикр шудаанд, ҷанбаи қавии эстетикӣ, тарбиявӣ ва ахлоқӣ доранд. Бинобар ин, маводи таҳлилшударо дар мадди аввал барои таълиму тадриси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёну магистрҳо ва аспирантони факултетҳои филологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ дар таълими таърихи адабиёти муосири тоҷик ва дарсҳои тарбиявӣ истифода бурдан мумкин аст.

Рисолаи Мустаҷобова Рудоба кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва таърихи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рисолаи Мустаҷобова Рудобаро кори илмии ба итмомрасидаи муҳимму пураҳамияте меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз руйи ихтисоси 10.01.01 –адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамоянд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.**

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 15 нафар, "муқобил" - 0 нафар, суратмаҷлиси №7, аз 20-уми феврали соли 2020.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Шамсов Н.С.**

**Котиби ҷаласа, коргузори кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Ширинова О.Ф.**

**Суроға: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992915480377)232-50-00;E-mail:shamsov1960@mail.ru. 20. 02. с. 2020**

**Имзои Шамсов Н.С. ва Ширинова О.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ШӮЪБАИ КАДРҲО

**Мудири шуъбаи кадрхои ДДЗТ ба номи С.Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш.М.**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«08» ____05______ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

**Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна** соли 2001 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоевро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2019 то 2020 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Рудоба Мустаҷобова доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мисбоҳиддини Нарзиқул** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 28.02.2020, қарори №7/3 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Рудоба Мустаҷобова 14 августи соли 2020 шаҳодатномаи супоридани имтиҳони номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти нимаи дуюми асри XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин давра дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулоти чашмрас ба амал омадааст. Бо назардошти ин нукот таҳқиқи густардаи чунин дигаргуниҳоро яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносии замони Истиқлол маънидод

намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи унвонҷӯй Рудоба Мустаҷобова хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло дар густаришу инкишофи адабиёту ҳунар, ғояҳои олии умумиинсонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсонҳо, садоқат ба Ватан, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт, заковати баланд, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ, такя намудан ба мероси пурғановати гузаштагон, некиву адолат, ростиву хирад, барҳам задани ихтилофоти маҳалгароӣ, фарҳанги бегона, ифротгароӣ, рушди маърифату ҷаҳонбинӣ, меҳандӯстиву меҳанпарварӣ, садоқат ба халқу Пешвои миллат, пос доштани забони модарӣ, муқаддасоти миллӣ, маросимҳои халқии тоҷикӣ ва ғайраро аз ҷумлаҳои масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ шудааст. Воқеан, Камол Насрулло аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо тарзу равиши хос ва мавзӯву мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое манзури хонандагон намуда, ба андешаи унвонҷӯй маҳз дар ашъори ватандӯстонаи шоир масъалаҳои мазкур то ҷойи имкон бо тобишҳои нав ба нав ва тозаи ҳунарӣ, камоли истеъдод ва маҳорати баланд, эҳсоси инсондӯстиву ватанпарварӣ ифода ёфтаанд. Аз ин рӯ, аз ҷониби Р. Мустаҷобова дар шакли диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашида шудани ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ва баррасии паҳлуҳои мавзӯӣ ва ҳунарии онҳо аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло, бахусус возеҳ намудани ҷойгоҳи шоир дар адабиёти давраи нави тоҷик ва таъйини мақоми ӯ дар ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав мақсади аслии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

- анҷом додани ҷустуҷӯ перомуни оғози зиндагӣ, муҳити хонаводагӣ ва таҳсилоти Камол Насрулло;

- муайян кардани оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба муҳити адабии марказ ва фаъолият дар самтҳои дигар;

- баррасии таснифот ва таълифоти адиб;

- таҳқиқи хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло;

- баррасии мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоир: Ватан, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, бозтоби рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он, васфи Ватан:

- муайян кардани ибтикороти шоир дар сурудани ашъори ватандӯстона;

- баррасии мавзӯи Ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ, санаҳои тақдирсоз, анъана ва маросимҳои мардумӣ дар эҷодиёти шоир;

- таҳқиқи мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло;

- омӯзиши вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир аз назари забон, тарзи баён; ибдооти шоирона ва истифодаи санъатҳои бадеӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқот** маҷмӯаҳои ашъори дар солҳои гуногун эҷодкардаи шоир, аз қабили “Навгонӣ”, “Номаи боли кабӯтар”, “Нома ба офтоб”, “То даме лонаҳо гарманд”, “Тоҷикистонро дигар қисмат макун”, “Дар фурудгоҳи як таманно”, “Фаросӯи нигоҳ”, “Рӯ ба меҳроби Ватан”, “Зангӯлаи фарёд”, “Ашки сапеда”, “Дар оғӯши хазонрез” мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, диссертант дар ҷараёни баррасии мабоҳиси матраҳ дар диссертатсия аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба шинохти шеър, китобҳои таълифшуда доир ба санъати сухан самаранок истифода кардааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназар Асозода, Абдурраҳмони Абдуманнон, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Н. Поспелов, В. Хализев, М. Б. Храпченко, Л. И. Тимофеев, Д. С. Лихачёв, Сируси Шамисо ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз равиши китобхонаӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва усули таҳлилӣ истифода карда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Нововарии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар нахустин таҳқиқоти адабиётшиносии мукаммал оид ба масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло буда, дар он эҷодиёти шоир аз нигоҳи арзишҳои миллӣ ва ҳунарию бадеӣ ба тадқиқ гирифта шудааст. Чунин тарзи тадқиқ имкон медиҳад, ки ифодаи образҳо, сифати бадеӣ ва дастовардҳои шоирона, баёни воқеияти зиндагӣ, арзишҳои ҳунарӣ, бозёфтҳои адабӣ ва услуби фардӣ равшан нишон дода шавад.

Диссертатсияи номзадии Р. Мустаҷобова аз чанд ҷониб аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин таҳқиқот фароҳамомада ва хулосаҳои он дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, ҷараёни такомули назми солҳои 80-90 садаи XX ва даҳаи аввали садаи XXI, баррасии шеъри муосири тоҷик, инъикоси мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ дар адабиёти тоҷик барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ расонад.

Маводи назарии дар диссертатсия фароҳамомада, пешниҳодҳои назарӣ ва хулосаҳои унвонҷӯӣ ҷанбаҳои назарии омӯзиши хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии шеъри тоҷикиро дар адабиёти давраи навин тақвият бахшида, дар таъйини вижагиҳои ашъори ватандӯстона дар давраҳои гуногуни таърихӣ, умуман, шеърҳои ватандӯстонаи адибони ҷудогона мусоидат карда метавонад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Р. Мустаҷобова дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи мақола, диссертатсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯию ҳунарии ашъори ватандӯстона, таълифи китобҳо перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода намудан мумкин аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсияи Р. Мустаҷобова дар 3 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии

Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Мустаҷобова, Р. М. Ваҳдати миллӣ ва инъикоси он дар шеърҳои Камол Насрулло / Р. М. Мустаҷобова// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – № 1/2 (62). – С. 37-42.

[2-М]. Мустаҷобова, Р. М. Инъикоси зуҳуроти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар эҷодиёти Камол Насрулло ва бардоштҳои фарҳангӣ аз онҳо дар замони муосир/ Р. М. Мустаҷобова// Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2019. – № 1. – С. 35-41.

[3-М]. Мустаҷобова, Р. М. Ҷойгоҳи анъана ва маросимҳои мардумӣ дар ашъори Камол Насрулло / Р. М. Мустаҷобова// Паёми Донишкадаи забонҳо ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2019. – № 4 (36). – С. 78-85.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевнаро** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест, қарори №21 аз 05.05. 2020.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«07» 05 соли 2020**